МЕРОСИ ГУЗАШТАГОН

*«Комсомоли Тоҷикистон»,*
№ 98 (4721), 20 *августи* 1967, *с.* 3.

**Қоонӣ ва “Парешон”-и ӯ**

Мувофиқи шароитҳои маълуми таърихӣ, аз асри XVI сар карда, адабиёти ягонаи тоҷику форс ба ду адабиёти мустақил (тоҷик ва форс) ҷудо мешавад. Аммо дар давраҳои минбаъда равобити адабӣ ва таъсири байниҳамдигарии ин ду адабиёт қатъ нагардида, ҳамвора давом кард.

Асарҳои бисьёр шоирону нависандагони асрҳои XVII-XIX форс дар Осиёи Миёна низ обрӯву эътиборе доштанд, ки Ҳаким Қоонӣ аз ҷумлаи онҳо ба шумор меравад.

Мирзо Ҳабибулло Қоонӣ 160 сол аз ин пеш, яъне, соли 1222 ҳиҷрӣ (баробари 1807 мелодӣ) дар Шероз, дар оилаи Мирзо Абулҳасани Гулшан ба дунё омадааст. Қоонӣ умри зиёде надидааст. Ӯ, мувофиқи гуфтаи Заҳрои Хонларӣ, соли 1280 ҳиҷрӣ (баробари 1863 мелодӣ) ва аз рӯи қайди М. Усмонов, соли 1854 дар шаҳри Теҳрон аз олам чашм пӯшидааст.

Аз рӯи гуфтаи донишмандони адабиёт, Қоонӣ ба ғайр аз забони модарии худ ба арабӣ низ шеър сурудааст. Мегӯянд, ки осори манзуми ӯ аз сад ҳазор байт бештар будааст, вале ҳоло камтар аз бисту ду ҳазор байти осораш боқӣ мондаанд.

Девони Қоонӣ соли 1336 ҳиҷрӣ дар Теҳрон тавассути адабиётшинос Муҳаммади Маҳҷуб дастраси хонандагон гардидааст.

Дар солҳои гуногун ва шаҳрҳои мухталиф ба омӯзиши осори Қоонӣ олимони бисёре, ба мисли Муҳаммад Козими Шерозӣ, Муҳаммади Маҳҷуб, Евгений Бертельс, Вера Кубичкова, Заҳро Хонларӣ, Муҳаммаднурӣ Усмонов ва дигарон машғул шудаанд.

Вале бояд гуфт, ки алҳол дар бораи роҳи зиндагӣ ва махсусан, мероси адабии Қоонӣ тадқиқоти ҳарҷонибаи мукаммале ба миён наёмадааст.

Қоонӣ аз худ асари насрие низ ёдгор гузоштааст, ки он «Парешон» ном дорад.

Ҳамон навъе ки аз дебоча ва мундариҷаи “Парешон” бармеояд ва инро худи нависанда ҳам таъкид кардааст, асар ба пайравии «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ эҷод шудааст.

Қоонӣ дар сабаби таълифи китоб гуфтааст: «Дар фасли зимистон, ки ҳаво бурди бард пӯшидан гирифт ва чашмаи чашми саҳоб ҷӯшидан, нафас дар халқи санг танг шуд ва мардуми чашм дар чашми мардум санг... аз шиддати сармо қалб дар қолаб бурудат ёфт ва хаёл дар хотир ҷумулат...

Дар фасле инчунин шӯре дар ман пайдо шуд, ки ҷони ширинам шайдо шуд, додаи хомӯшӣ аз соғари узлат чашидам ва рӯй аз сӯҳбати ёрон дарҳам кашидам...».

Дар ин асно яке аз дӯстони наздики Қоонӣ пеши ӯ меояд. Муаллиф менависад: «Чун лахте нозу ниёз кардем ва сухан аз ҳар дарс соз, ба муносибате зикри «Гулистон»-и Саъдӣ, ки ҳар варақашро ҳазор дафтар нисор дархур аст, ба миён омад.

**Қитъа:**

*«Гулистоне», ки ҳар барги гулашро,*
*Ҳазорон гулшани хулд аст банда.*
*Равони аҳли маъни то қиёмат,*
*Ба бӯи рӯҳбахшии ӯст зинда»*

Қоониро он рафиқаш илқо менамояд, ки китобе ба мистоқи «Гулистон» нависад. Нависанда бо шикастанафсии зиёд хоҳиши дӯсташро рад менамояд: «Барошуфтаму гуфтам; эй, аз он чӣ гуфтӣ, истиғфор кун! Чӣ мояи ман ба ҳадде нест, ки бо чунин кас таҳадди

ҷӯям ва бар наммати ӯ сухан гӯям! На ҳар мутакаллиме фасеҳ асту на ҳар муоличе Масеҳ! Саҳбонро бо Боқил чӣ нисбату нодонро бо оқил?.. Пашшаро савлати пил нест ва қатраро давлати Нил... Алқисса, чандон ки барошуфтам ва аз ин навъ суханон гуфтам, оташаш тез шуд... ночор тан задам».

Қоонӣ сухани худро давом дода дар бораи номи китоб мегӯяд, ки «... ҷидду ҳазле чанд дарҳам рехтам ва бархе назму наср омехтам. Ва он ҷамъро ба муносиби холи худ «Парешон» ном ниҳодам, ҳар киро ҳол парешон аст, мақол парешон аст».

Бояд гуфт, ки ба «Гулистон»-и Саъдӣ пайравӣ карда, адибони давраҳои минбаъда асарҳои зиёде навиштанд, ки муҳимтарини онҳо «Нигористон»-и Муинӣ Ҷувайнӣ, «Хористон»-и Хавофӣ, «Баҳористон»-и Ҷомӣ, «Дастур-ул-мулук»-и Хоҷа Самандар ба шумор меравaнд. Яке аз сабабҳои асосии равнақи бемонанди «Гулистон» мазмуни олии умумиинсонӣ ва шакли дилкашу таъсирбахши он мебошад.

Қоонӣ бештар ба ҷиҳати дувуми Гулистон - шакли он пайравӣ кардааст, зеро мундариҷаи баланди иҷтимоӣ ва ғояҳои ҳаяҷонбахши инсонпарваронаи «Гулистон»-ро мо дар «Парешон» хеле кам дарёфт менамоем. Қоонӣ дар тарзи суханронӣ низ ба пояи Саъдӣ нарасидааст. Ӯ ба суханбозию саҷъпардозӣ аз андоза бештар ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, ки ин рафтор ба асар ҳусни дилхоҳ бахшида наметавонад.

Вале дар «Парешон»-и Қоонӣ ҳикоятҳои шавқовару ибратбахш низ бисёранд, ки ин ё он лавҳаи зиндагии давраи муаллифро инъикос намуда, мавқеи ғоявии нависанда ва ҳусни таваҷҷуҳи ӯро ба гурӯҳи синфи муайяни иҷтимоӣ таҷассум кардаанд.

Инак, чанд ҳикоят аз китоби «Парешон»-и Қоонӣ.

**Ҳикоят**

Гадое дар дари хонаи мунъиме рафт ва чандон, ки риштаи тамаъ печ дод, ҳеҷаш надод. Агар пораи ноне савол кард, сақаташ гуфтанд, ки:

- Ба даккаи хаббоз бирав! Ва агар муште биринҷ талаб намуд, барошуфтанд:

- Ба дӯкони раззов шав! Ва агар лахте гӯшти хом хост, лаънаташ карданд, ки:

- Ин ҷо маслах нест! Ва агар бархе таоми пухта талабид, задандаш, ки:

- Ин сарои матбах нест!

**Қитъа:**

*Машав, эй бенаво, дахили бахил!*
*Ки наёбӣ рутаб ба хушк хахил.*
*Ҳеҷ дидӣ ба ёр кин гавҳар?*
*Ё ба саҳрои хушк нилуфар?!*

Овардаанд, ки чун бечора маъюс шуд ба даруни хона рафт ва дар гӯшае доман аз ақб барандохту шикам холӣ кард. Аҳли хона пешаш рафтанду ришаш гирифтанд, сиблаташ канданду гиребонаш дариданд, ки:

- Эй хабис! Ин чӣ ройи убс буд ва ин чӣ ҷои хуб?

Гуфт:

- Эй золимон, аз Худой шарм надоред? На худ гуфтед, ки дар ин ҷо ҳеҷ набошад?

Гуфтанд:

- Чаро?

Гуфт:

- Пас, ин ҷо вайрона аст, на хона! Ва, лошак, вайрона қобили ристан аст, на лоиқи зистан!

**Қитъа:**

*Ҳар он диёр, ки бошад зи аҳли дил холӣ,*
*Бувад чу гӯшаи вайрона бадтарин ҷое.*
*Ба ихтиёр ба вайрона оқилон наравáнд,*
*Ҷуз он замон, ки табиат кунад тақозое.*

**Ҳикоят**

Дузде ба хонае рафт. Ҷавонеро хуфта дид. Пардае, ки бар дӯш дошт, бигустурд, то ҳар чӣ ёбад, дар вай ниҳода бар дӯш кашад.

Ҷавон биғалтид ва дар миёни парда бихуфт.

Дузд ҳар чи гашт, чизе наёфт. Чун ногоҳ мурочиат кард, ки пардаро бардораду бурун равад, ҷавонро дид, ки бо ҳайбати шерону майъати далерон дар миёни парда хуфта. Бо худ гуфт: Ҳоло маслиҳат дар он аст, ки тарки парда гӯям, то парда аз рӯи кор барнаяфтад.

Пардаро ба хона бигузашту аз хона берун шуд. Ҷавон овоз дод, ки:

- Duздо! Дарро бубанд, то кас ба хона наёяд!

Гуфт:

- Ба ҷони ту, дар набандам, зеро ки ман зерандози ту овардам; бошад, ки дигаре рӯяндози ту оварад!..

**Р. МУСУЛМОНҚУЛОВ.**